# ХУЛОСАИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30.06.2026, №19
Барои сазовор донистани Комилова Камила Наврузовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсияи Комилова Камила Наврузовна дар мавзуи «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст, аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шуд (№30 аз 25.04.2026).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Комилова Камиля Наврузовна, 14.04.1995 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик, оиладор, соҳиби 2 фарзанд.

Комилова К.Н. соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Соли 2021 дар ҳамин донишгоҳ маълумоти дуюмро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ соҳиб гардидааст.

Фаъолияти меҳнатиашро ба ҳайси коргузор дар ҶСП "Комбинати шири Душанбе" аз соли 2011 оғоз намуда, аз моҳи декабри соли 2022 то ҳоло дар вазифаи сармутахассиси шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе фаъолият намуда истодааст.

Соли 2024 магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳти унвони "Мактаби давлатдории Эмомали Раҳмон"аз рӯи ихтисоси "Идораи давлатӣ" хатм намудааст.

Соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул гардидааст.

Мавзуи диссертатсияи Комилова Камила Наврузовна дар ҷаласаи Шурои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 04.11.2020 (№54) тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шарифзода Бахром Маҳмуд – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими илмии шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ.

Диссертатсияи Комилова Камила Наврузовна дар ҷаласаи васеи шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷӣ ва шуъбаҳои тадқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ (суратҷаласаи №5 аз 26.09.2025) муҳокима гардида, бо назардошти ислоҳи эродҳои ҷойдошта барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-063 аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст.

**Муқарризони расмӣ:**

- Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-063;
- Худоёров Шаҳриёр Худойқулович – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи маркетинг, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати муассисаи пешбар аз тарафи коршинос – д.и.и. Мирзоалиев А.А., дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур (аз 06.08.2026, суратҷаласаи №1) баррасӣ гардидааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т., профессор Назарзода Х.Х. тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсияи Комилова К.Н. дар мавзӯи «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст, дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Комилова Камила Наврузовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 14 интишори илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

***дар нашрияҳои тақризшаванда:***

1. Комилова К.Н. Равишҳои назариявӣ оид ба муайян намудани моҳияти фаъолияти маркетингӣ дар бонки тиҷоратӣ// Комилова К.Н., Шарипов Б.М., Паёми молия ва иқтисод. 2022. № 3 (32). С. 39-45.

2. Комилова К.Н. Самтҳои афзалиятноки такмили истифодаи воситаҳои маркетинги рақамӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ/ Комилова К.Н., Шарифзода Б.М., Экономика Таджикистана, Душанбе, 2023, № 4, с 86-91.

3. Комилова К.Н., Тамоюли инкишофи маркетинги бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Комилова К.Н., Шарипов Б.Р., Шарифзода Б.М.// Паёми молия ва иқтисод. 2023. № 4-2 (39). С. 243-252

4. Комилова К.Н., Стратегияи истифодаи технологияҳои муосири маркетингӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон// Комилова К.Н., Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2024. № 2. С. 103-110.

5. Комилова К.Н., Современные маркетинговые стратегии как инструменты развития конкурентоспособности коммерческих банков. // Комилова К.Н., Экономика Таджикистана, Душанбе, 2025, № 1, с. 158-170

***дар дигар нашрияҳо:***

6. Комилова К.Н. Банковский маркетинг как важнейший компонент системы управления коммерческими банками в современных условиях Таджикистана// К.Н. Комилова, Шарипов Б.М. Мат-лы респ. научно-теор. конф. «Вопросы совершенствования финансово-кредитного механизма развития национальной экономики». Таджикский национальный университет. (Душанбе, 5 октября 2021 года), Душанбе, типография ТНУ, 2020. -352 с. с. 195-200

7. Комилова К.Н. Совершенствование банковского маркетинга как инструмента эффективного управления коммерческими банками в постковидной экономике Таджикистана//К.Н. Комилова, Шарипов Б.М., Мат-лы межд. научно-практ. конф. «Проблемы развития национальной экономики в условиях постковидного мира». Институт туризма, предпринимательства и сервиса. (Душанбе, 29.10.2021г.», Душанбе, 2021, - 356 с. - с. 20-25

8. Комилова К.Н., Банковский маркетинг как важнейший компонент системы управления коммерческими банками в современных условиях Таджикистана // К.Н. Комилова, Шарипов Б.М. Мат-лы респ. научно-практ. конф. «Совершенствование финансово-кредитного механизма развития национальной экономики», ТНУ. (05.10.2021г.), Душанбе, 2021, - с.195-201.

9. Комилова К.Н., Совершенствование управления коммерческими банками в постковидной экономике Таджикистана// К.Н. Комилова, Шарипов Б.М., Мат-лы респ. научно-практ. конф. «Состояние банковской

системы Республики Таджикистан в период пандемии коронавируса (COVID-19)». Кулябский государственный университет им. А. Рудаки. (11 декабря 2021 г., г. Куляб). Душанбе: «Ирфон», 2021. - 560 с. – с. 25-31

10. Комилова К.Н., Совершенствование банковского маркетинга как инструмента эффективного управления коммерческими банками в постковидной экономике Таджикистана// К.Н.Комилова, Ф.А. Курбонова, Шарипов Б.М., Межд. научно-методический журнал «Global science and innovations 2021: Central Sia», Мат-лы XV научно-практ. конф. (Нурсултан, Казахстан, 10-15 декабря 2021 г.). - с. 16-21

11. Комилова К.Н. Роль банковского маркетинга в обеспечении ускоренной индустриализации экономики Таджикистана//К.Н. Комилова, Шарипов Б.М., Мат-лы межд. научно-практ. конф. «Совершенствование финансово-кредитных отношений как основа реализации четвертой национальной цели - ускоренной индустриализации страны»». МУТПТ. (Душанбе, 28.05.2022.) Душанбе, 2022, - 302 с. - с .28-32

12. Комилова К.Н. Роль маркетинговых стратегий в развитии конкурентоспособности коммерческих банков: современные вызовы и перспективы// Финансово-экономический вестник. Таджикский государственный финансово-экономический университет, Душанбе, №4-2(43), 2024, с. 598-608

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

*1) Тақриз аз номи мудири кафедраи кори бонкии ДМТ, н.и.и., дотсент Ғаюров Ғ.Ҳ. бо чунин эродҳо:*

- барои хубтар гардидани сифати автореферат зарур аст, ки мубрамияти мавзӯъ дар автореферат ба таври васеъ шарҳ дода шавад;

- расмҳое, ки дар автореферат оварда шудаанд, ба таври васеъ таҳлил нагардидаанд.

*2) Тақриз аз номи мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров", д.и.и., профессор Алиҷонов Д.А. бо чунин эродҳо:*

- хуб мешуд, агар муаллиф барои дақиқтар намудани ақидаҳои худ таҳлили SWOT ва PEST-ро оид ба бонкҳои тиҷоратии таҳлилшаванда амалӣ мекард;

- дар таҳқиқот агар ба раванди рақамикунонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аҳамияти бештар зоҳир карда шавад, дараҷаи эътимоднокии автореферат ва диссертатсия боз ҳам баландтар мегардид.

*3) Тақриз аз номи раиси Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, н.и.и. Шарафов Ҷ.А. бо чунин эродҳо:*

- дар бахши "Навгонии илмӣ" муаллиф чор банди асосиро пешкаш кардааст, аммо баъзеи онҳо, масалан, таҳияи модели ба муштарӣ нигаронидашуда, дар матни автореферат ба таври зарурӣ, муфассал инъикос наёфтаанд. Ин ҷанбаҳо васеътар шарҳ дода шаванд, хуб мешуд;

- тавсияҳои пешниҳодшуда барои рушди бонкҳо бештар хусусияти умумӣ доранд. Агар барои ҳар як гурӯҳи бонкҳо, вобаста ба сатҳи

истифодаи стратегияи маркетингӣ, тавсияҳои фарккунанда пешниҳод мегардид, натиҷаҳо боз ҳам муфид мебуд;

- дар автореферат ба масъалаи маҳдудиятҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар бонкҳои Тоҷикистон, масалан, сатҳи пасти суръати Интернет ва маърифати молиявии аҳолӣ диққати кофӣ дода нашудааст.

*4) Тақриз аз номи раиси Ассотсиатсияи миллии менеҷерон ва маркетингшиносони Тоҷикистон, д.и.и., профессор Бозоров Ш.Ш. бо чунин эродҳо:*

- бо назардошти рушди босуръати зеҳни сунъӣ, додаҳои калон, экосистемаҳои рақамӣ ва «бонкдории кушода», дар таҳқиқот механизми ворид намудани онҳо ба низоми идоракунии стратегии маркетингӣ ва нишондиҳандаҳои мушаххаси арзёбии самаранокии истифодаи онҳо метавонист муфассалтар инъикос гардад;

- модели сесатҳаи стратегияи маркетингӣ, ки муаллиф пешниҳод менамояд, дорои аҳамияти назаррас мебошад. Аммо дар автореферат метавонист мазмуни ҳар як сатҳи он, механизми ҳамкории Бонки миллӣ, ассотсиатсияҳои соҳавӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин марҳилаҳои татбиқи амалии модел муфассалтар нишон дода шавад.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 қайд менамояд, ки диссертатсияи Комилова Камила Наврузовна дар мавзуи «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ташаккул ва такмили стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Мубрамияти таҳқиқот бо тағйирёбии муҳити рақобатии бозори хизматрасониҳои бонкӣ, афзоиши нақши муштариён, зарурати мутобиқ намудани маҳсулоту хизматрасониҳои бонкӣ ба талаботи бозор, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва таъмини рақобатпазирӣ ва устувории дарозмуддати бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда мешавад.

*Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб:*

• **таҳия ва такмил дода шудаанд:** муқаррароти назариявию методологии стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва мазмуни иқтисодии он ҳамчун унсури муҳими низоми идоракунии бонк;

• **пешниҳод шудааст:** тафсири муаллифии мафҳуми «стратегияи маркетингии бонки тиҷоратӣ» ҳамчун низоми мукаммал ва мутобиқшавандаи таҳлил, банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти бонк дар муҳити тағйирёбандаи бозорӣ, ки ба ташаккули афзалиятҳои рақобатии дарозмуддат, рушди пойгоҳи муштариён ва истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ равона гардидааст;

• **асоснок ва пешниҳод шудааст:** гузариши бонкҳои тиҷоратии ватанӣ аз модели анъанавии фаъолияти бонкӣ ба модели ба муштариён

нигаронидашуда, ки дар он талабот, рафтор, манфиат ва қаноатмандии муштарӣ асоси қабули қарорҳои маркетингӣ ва идоракунӣ мебошад;

• **пешниҳод шудаанд:** роҳу усулҳои такмили низоми бонкии Тоҷикистон дар асоси татбиқи самараноки стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ;

• **муайян шудаанд:** самтҳои афзалиятноки такмили стратегияи маркетингӣ, аз ҷумла рушди модели ба муштарӣ нигаронидашуда ва истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ, ки ба баланд гардидани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, дастрасии доимӣ ба маҳсулоту хизматрасониҳои бонкӣ ва коҳиш ёфтани хароҷоту хавфҳои муштариён мусоидат менамоянд;

• **исбот шудааст**, ки истифодаи стратегияи муосири маркетингӣ ҳамчун қисми таркибии идоракунии бонк имконият медиҳад рақобатпазирии дарозмуддати бонкҳои тиҷоратӣ баланд бардошта шуда, муносибатҳои устувор бо муштариён ташаккул ёбанд.

*Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки:*

• **исбот шудаанд:** муқаррароти илмӣ оид ба зарурати тағйир додани муносибати бонкҳои тиҷоратӣ ба фаъолияти маркетингӣ дар шароити гузариши бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз «бозори фурӯшанда» ба «бозори харидор» ва афзоиши нақши муштарӣ дар ташаккули сиёсати бонк;

• **вобаста ба масъалагузории диссертатсия самаранок ва бо ба даст овардани натиҷаҳои дорои навгонии илмӣ** усулҳои абстраксияи илмӣ, иқтисодию риёзӣ, монографӣ, гурӯҳбандии маълумот, таҳлили нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ, таҳлили омилӣ ва муқоисавӣ **истифода шудаанд**;

• **тавсиф шудаанд:** мазмун, хусусиятҳо ва нақши стратегияи маркетингӣ ҳамчун унсури низоми идоракунии бонки тиҷоратӣ, инчунин таъсири он ба ташаккули афзалиятҳои рақобатӣ ва рушди муносибатҳои дарозмуддат бо муштариён;

• **омӯхта шудаанд:** таҷрибаи хориҷии татбиқи стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, имкониятҳои истифодаи унсурҳои пешқадами он дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва заминаҳои гузариш ба модели ба муштариён нигаронидашуда;

• **таҳлил ва арзёбӣ шудаанд:** вазъи муосири бозори хизматрасони-ҳои бонкӣ, раванди ташаккул ва татбиқи стратегияи маркетингӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва усулҳои омӯзиши талаботи муштариён;

• **такмил дода шудаанд:** равишҳои методӣ ба ташаккул ва татбиқи стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ бо дарназардошти рақамикунонӣ, тағйирёбии талаботи муштариён ва афзоиши рақобат дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ.

*Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои амалия бо он тасдиқ карда мешавад, ки:*

• тавсияҳои амалӣ оид ба такмили стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди стратегӣ ва сиёсати маркетингии ташкилотҳои қарзӣ истифода шаванд, **таҳия шудаанд**;

• самтҳои афзалиятноки гузариши бонкҳои тиҷоратӣ ба модели фаъолияти ба муштариён нигаронидашуда ва механизмҳои баланд бардоштани сатҳи қаноатмандӣ ва садоқати муштариён **муайян шудаанд**;

• истифодаи васеи технологияҳои муосири рақамӣ дар фаъолияти маркетингӣ, аз ҷумла воситаҳои электронии хизматрасонӣ, технология-ҳои таҳлил ва идоракунии муносибат бо муштариён, барои беҳтар намудани сифату дастрасии хизматрасониҳои бонкӣ **пешниҳод шудааст**;

• роҳҳои омӯзиши мунтазами талаботи субъектҳои бахши воқеӣ ва аҳолӣ, таҳияи маҳсулоту хизматрасониҳои бонкии ба талаботи онҳо мутобиқ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ барои пешбурди онҳо **асоснок карда шудаанд**;

• чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии қарорҳои маркетингӣ, таҳкими мавқеи рақобатии бонкҳо ва таъмини устувории фаъолияти онҳо дар шароити тағйирёбии муҳити иқтисодӣ **пешниҳод шудаанд**.

**Арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки:**

• **назарияи таҳқиқот** дар заминаи муқаррароти бунёдии назарияи иқтисодӣ, маркетинг, маркетинги бонкӣ, менеҷменти стратегӣ ва молиявӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ бунёд шудааст;

• **ғояи таҳқиқот** ба зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии дарозмуддати бонкҳои тиҷоратӣ тавассути гузариш ба модели ба муштариён нигаронидашуда ва татбиқи воситаҳои муосири стратегияи маркетингӣ асос ёфтааст;

• санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисобот ва маълумоти омории Бонки миллии Тоҷикистон, ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзии ватанӣ ва дигар сарчашмаҳои боэътимоди иттилоотӣ **истифода шудаанд**;

• усулҳои эътирофшудаи таҳқиқоти иқтисодӣ, оморӣ ва муқоисавӣ, ки имконият додаанд эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада таъмин карда шавад, **истифода шудаанд**;

• хулоса ва тавсияҳои таҳқиқот, ки аз натиҷаҳои таҳлили назариявӣ ва амалӣ мантиқан бармеоянд ва бо коркарди илмии маълумоти оморӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф асоснок карда шудаанд, **муқаррар шудааст**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз инҳо иборат мебошад:**

• ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ташаккули равиши муаллифӣ ба омӯзиши стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ муайян шудаанд;

- асосҳои назариявию методологии стратегияи маркетингӣ ва пешниҳоди тафсири муаллифии мафҳуми стратегияи маркетингии бонки тиҷоратӣ таҳқиқ ва такмил дода шудаанд;
- таҳлили вазъи муосири бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии раванди ташаккул ва татбиқи стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ гузаронида шудааст;
- зарурати гузариши бонкҳои тиҷоратӣ аз модели анъанавӣ ба модели фаъолияти ба муштариён нигаронидашуда асоснок карда шудааст;
- самтҳои афзалиятноки такмили стратегияи маркетингӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси рушди муносибат бо муштариён ва истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ муайян карда шудаанд;
- хулоса ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти маркетингӣ, рақобатпазирӣ ва устувории дарозмуддати бонкҳои тиҷоратӣ таҳия гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 25 августи соли 2026 қарори сазовор донистани Комилова Камила Наврузовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар.

Овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Шарофзода Ф.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**